Бо қарори Шӯрои олимони
Донишгоҳ таҳти № 8 аз санаи
26 феврали 2016 сол
тасдиқ гардидааст.

# НИЗОМНОМАИ
## Маркази бақайдгирӣ ва машваратии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

### 1. **Муқаррароти умумӣ**

1.1.Низомномаи мазкур дар асоси «Низомномаи намунавии маркази бақайдгирӣ ва машваратии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №18/7 аз санаи 28/08/2014 сол тасдиқ карда шудааст, "Оинномаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия шудааст.

### **2.Фаъолияти Маркази бақайдгирӣ ва машварат**

2.1. Маркази бақайдгирӣ ва машварат қисми сохтории Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Б.Ғафуров буда, барои амалӣ намудани бақайдгирии тамоми дастовардҳову натиҷаҳои таълимии донишҷуён дар давраи таҳсил фаъолият мебарад.

2.2. Ба ҳайати кормандони Маркази бақайдгирӣ ва машварат сардори он, сарнозирон, танзимгар, барноманависон, нозирон-*барои шӯъбаи рӯзона* ва методистон- *барои шӯъбаи ғоибона* дохил мешаванд.

2.3. Роҳбарии Маркази бақайдгирӣ ва машварат аз ҷониби сардори Марказ амалӣ мегардад.

2.4. Маркази бақайдгирӣ ва машварат ба ҳар як факултет корманди (нозир ва методист) худро вобаста менамояд ва онҳо дар факултетҳо бевосита фаъолият мебаранд.

### **3. Вазифаҳои асосии Маркази бақайдгирӣ ва машварат**

3.1. Идоракунии раванди таълим бо зоҳир намудани фаъолияти академӣ ва методии самаранок бо дигар воҳидҳои сохтории донишгоҳ;

3.2. Ташкили бақайдгирии донишҷӯён оид ба фанҳои интихобӣ (дар ҳар як семестр), муайян намудани гурӯҳҳои академӣ ва ташкил намудани триместр дар якҷоягӣ бо кафедраҳо ва факултетҳо;

3.3. Ба манбаи маълумотҳо ворид сохтани тағйиротҳои мувофиқ;

3.4. Натиҷабандии балҳои бадастовардаи донишҷӯён (санҷишҳои ҷорӣ, марҳилавӣ, балҳои ҳавасмандкунии декани факултет ва куратори гурӯҳ ва имтиҳони ниҳоӣ);

3.5. Тайёр намудани ҳисоботҳои оморӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои сессияҳо ва нигоҳ доштани онҳо дар маҳзани Марказ;

3.6. Ба расмият даровардани транскриптҳо (маълумотномаҳои академӣ) ба ҳар як донишҷӯй;

3.7. Таъмини назорати давомоти донишҷӯён;

3.8. Бақайдгирӣ ва нигоҳ доштани маълумот дар барномаи автоматикунонии раванди идоракунии таълим;

3.9. Омода намудани намуна (шакл)-ҳои ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии донишҷӯён;

3.10. Дар якҷоягӣ бо кафедра ва факултет таҳия намудани лоиҳаи фармоиши ректори донишгоҳ ҷиҳати додани иҷозат ба донишҷӯён барои иштирок дар сессияи имтиҳонӣ дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва2);

3.11. Ҷамъбасти натиҷаҳои имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва2) ва ҷамъбастӣ, муайян намудани рейтинги академии донишҷӯён;

3.12. Муайян намудани холи умумии миёнаи бадастоварда (GPA)-и донишҷӯён барои ҳар як давраи академӣ (семестр) ва назорат аз рӯи мувофиқат намудани он бо меъёри банди 57-и «Низомномаи намунавии низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба курсҳо муқарраркардашуда;

3.13. Дар маркази бақайдгирӣ ва машварат нигоҳ доштани нусхаи дуюми тасдиқшуда ва нусхаи электронии нақшаи таълимии фардии донишҷӯ, ки дар шакли қабулшуда ҳар сол аз тарафи

донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) таҳия гардида, аз ҷониби садорати факултет тасдиқ карда шудааст;

3.14. Ба садорати факултет ва қисми таълими донишгоҳ пешниҳод намудани рӯйхати донишҷӯёне, ки аз фанҳои алоҳида холҳои зарурирo соҳиб нагардидаанд;

## 4.Ҳадафи Маркази бақайдгирӣ ва машварат

4.1.Марҳилаи ташкили раванди таълим гузаронидани амалҳои зеринро дарбар мегирад:

- ✓ ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои бақайдгирии донишҷӯён (дар се марҳила);
- ✓ таҳияи ҷадвали қабули санҷишҳои фосилавӣ (рейтинги 1, 2);
- ✓ коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

4.2.Сабти донишҷӯён барои омӯзиши фанҳои интихобӣ аз тарафи маркази бақайдгирӣ ва машварат бо риояи талаботи зерин ва ба таври зайл гузаронида мешавад:

- ✓ аз тарафи эдвайзер барои донишҷӯён дар ҳар як давраи таҳсил (нимсола) машварат гузаронида шуда, феҳристи фанҳои интихобӣ ва барномаи кории фан (Syllabus) пешниҳод карда мешавад;
- ✓ донишҷӯёне, ки ба донишгоҳ қабул шудаанд, то оғози машғулиятҳои дарсӣ дар курси 1-ум намунаи нақшаи таълимии фардии (Study Card) таҳияшударо гирифта бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) нақшаи таълимии фардии худро таҳия намоянд;
- ✓ донишҷӯёни курсҳои болоӣ бояд нақшаи таълимии фардии худро барои соли таҳсили оянда аз рӯи шакли муқарраршуда (ҳангоми зарурат пас аз маслиҳат бо мушовири академӣ (эдвайзер)) таҳия намуда, дар он бо гузоштани санаи тартиб додан, имзо мегузоранд ва онро бо нусхаи электрониаш дар давраи аз санаи 10 то 25 июн ба маркази бақайдгирӣ ва машварат супоранд;
- ✓ барои ворид намудани тағйирот ба нақшаи таълимии фардӣ дар ҳаҷми то 10% (аз миқдори умумии кредитҳо) то

10 сентябри соли ҷорӣ иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат аз тарафи донишҷӯ бояд ба маркази бақайдгирӣ ва машварат маълумотномаи хаттӣ оид ба ворид намудани тағйироти пешбинишуда (аз рӯи шакли муқарраршуда) бо иҷозати садорати факултет пешниҳод карда шавад;

- ✓ ҳангоми аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ ва аз ҷониби ӯ ба садорати факултет дар мухлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани нақшаи таълимии фардӣ, садорати факултет ҳуқуқ дорад, ки барои муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти ӯ нақшаи таълимии намунавиро ҳамчун асос истифода барад.

4.3.Маркази бақайдгирӣ ва машварат барои таъмини кори самараноки таълим дар донишгоҳ ҷамъоварии мақсаднок ва нигоҳдории тамоми намуди ҳуҷҷатҳо ва маълумотнома оид ба теъдоди донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ, гуруҳҳои якҷояи академӣ (патокҳо) ва курсҳо амалӣ мегардонад.

4.4.Ташкили баҳисобгирӣ аз рӯи ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти таълимӣ:

- ✓ таҳия, баҳисобгирӣ ва додани транскриптҳо (маълумотномаҳои академӣ);
- ✓ баҳисобгирии натиҷаҳои ҳаракати донишҷӯён (хориҷшавӣ, барқароршавӣ, интиқолёбӣ, баргаштан аз рухсатии академӣ, бақайдгирии донишҷӯён ба дарсҳои такрорӣ);
- ✓ баҳисобгирии дастовардҳои академии донишҷӯён (бақайдгирии натиҷаи имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ҷамъбастӣ;
- ✓ ҷамъоварии варақаҳои санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва имтиҳони ҷамъбастӣ;
- ✓ муайян кардани рейтинги академии донишҷӯён дар асоси таҳлили натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯён.

4.5.Барои такроран супоридани санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва имтиҳони ҷамъбастӣ бе сабабҳои узрнок иҷозат дода намешавад. Ба истиснои ҳолати бемор шудани донишҷӯ, ки бо ҳуҷҷати тиббӣ тасдиқ карда мешавад. Тағйир додани натиҷаи санҷишҳои фосилавӣ пеш аз имтиҳони ҷамбастӣ қатъиян манъ аст.

4.6.Рейтинги баланд ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки ӯ афзалияти академӣ ва имтиёзҳои раёсати донишгоҳро соҳиб гардад.

4.7.Қабули санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) дар ҳафтаҳои 7 ва 14-уми таълими назариявии давраи академӣ (семестр) ва имтиҳони ҷамъбастӣ дар давраи ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) ба роҳ монда мешаванд.

4.8.Низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии фанҳо:

- ✓ Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар шакли баҳогузории ҳуруфӣ бо истифода аз ҳарфҳои A (A, A-), B (B+, B, B-), C (C+, C, C-), D (D, D-) ва F (Fx, F) ифода карда мешавад.
- ✓ Барои мавриди истифода қарор додани шакли ҳуруфии баҳогузорӣ ба фаъолияти таълимии донишҷӯ ва муайян намудани баҳои ниҳоии ӯ аз низоми холдиҳӣ-рейтингии 100-бала истифода бурда мешавад.
- ✓ Гузариш аз низоми холдиҳӣ-рейтингии 100-бала ба шакли ҳуруфии баҳогузорӣ бо истифода аз услуби рейтингӣ (бо назардошти мураккабияти барномаи таълимии фанҳо) амалӣ гардонида мешавад.
- ✓ Муайян намудани ҳадди ақали холҳо барои гирифтани баҳоҳои мусбӣ аз фанҳои алоҳида вобаста ба ҳаҷми меҳнатталабии онҳо тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингии 100-бала дар ҳудуди на камтар аз 50% аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

4.9. Баҳои умумии донишҷӯ оид ба азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан бо формулаи зерин ҳисоб карда шуда, бо фоиз ифода меёбад:

$$\text{Холхои умуми} = \left[\frac{(P_1 + P_2)}{2}\right] \cdot n_1 + \text{Ин} \cdot n_2$$

дар ин ҷо:

n – коэффисиенти доимӣ набуда, метавонад аз 0,40 то ба 1,0 баробар бошад ва ҳосили ҷамъи ададҳои $n_1$ ва $n_2$ бояд ба 1 баробар шавад.

$P_1$- холҳои рейтинги якум;

$P_2$- холҳои рейтинги дуюм;

*Ин*– холҳои имтиҳони ниҳоӣ.

4.10.Холҳо дар санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва2) аз рӯи натиҷаи шакли назоратии қабул намудани онҳо (кори хаттӣ, контролӣ, супоришҳои тестӣ, пурсиши шифоҳӣ ва ғайра) бо назардошти натиҷаҳои давомот, иҷрои супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ гузошта мешаванд.

4.11.Варақаҳои имтиҳонӣ дар факултет дар давраи таҳсил намудани донишҷӯ дар донишгоҳ нигоҳ дошта мешаванд.

4.12.Вақти қабул намудани санҷиш барои санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва2) - 1 соати академӣ (дар машғулиятҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) муқаррар карда мешавад.

4.13.Дар баробари ба охир расидани имтиҳон ва дар маркази тестии донишгоҳ натиҷагирӣ кардани он, варақаи имтиҳонӣ пас аз эълон намудани натиҷаҳо ба донишҷӯён ба маркази бақайдгирӣ ва машварат супорида мешавад.

4.14.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ оид ба дараҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан дар транскрипт (маълумотномаи академӣ)-и ӯ дарҷ карда мешавад. Транскрипт (маълумотномаи академӣ) ҳуҷҷати ҳатмӣ буда, баъди ба итмом расидани давраи пурраи таҳсил ба замимаи диплом иваз карда мешавад.

4.15. Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва эквиваленти ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дурусти бадастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз ифода меёбанд, тибқи ҷадвали 1 муайян карда мешавад.

4.16.Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва эквиваленти ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дурусти бадастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз ифода меёбанд, тибқи ҷадвали 1 муайян карда мешавад.

Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ ва эквиваленти ададии он **Ҷадвали 1**

| **Баҳо (ҳуруфӣ)** | **Ифодаи ададии баҳо** | **Фоизи ҷавобҳои дуруст %** | **Ифодаи анъанавии баҳо** |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | **Аъло** |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | **Хуб** |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | **Қаноатбахш** |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | **Ғайриқаноатбахш** |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

Эзоҳ:Донишҷӯёне, ки натиҷаи ниҳоии холҳои онҳо аз фанҳои алоҳида ба тафриқаи Fx баробари $45 \le Fx < 50$ -ро соҳиб гаштаанд, имконияти як маротиба бе назардошти пардохти маблағи таҳсили иловагӣ супоридани имтиҳонро доранд.

4.17.Пас аз анҷоми ҳар як даври академӣ дар асоси ифодаи ададии баҳои донишҷӯ аз фанҳои алоҳида холи умумии миёна (GPA)-и ӯ бо истифодаи услуби миёнаи арифметикии баркашида ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 2).

Тарзи ҳисоби холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ дар семестр **Ҷадвали 2**

| Р/т | Номгӯи фанҳо | Миқдори кредитҳо | Ифодаи хуруфии баҳо | Ифодаи ададии баҳо | Холи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фалсафа | 4 | B | 3 | 12 |
| 2 | Математика | 4 | C | 2 | 8 |
| 3 | Информатика | 6 | B | 3 | 18 |
| 4 | Таърихи халқи тоҷик | 4 | A | 4 | 16 |
| 5 | Забони тоҷикӣ | 4 | A | 4 | 16 |
| 6 | Забони русӣ | 6 | B | 3 | 18 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Забони хориҷӣ | 4 | C- | 1,67 | 6,68 |
| | Ҳамагӣ | 32 | | | 94,68 |
| | Холи умумии миёна(GPA) | | | | 2,96 |

4.18.Барои аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и ӯ муайян карда мешавад, ки донишҷӯ дар ҳар як соли таҳсил бояд на камтар аз онро соҳиб шавад. Холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ вобаста ба курсҳо чунин муқаррар карда мешавад:

- ✓ барои курси якум - 1,67;
- ✓ барои курси дуюм - 1,75;
- ✓ барои курсҳои сеюм ва чорум - 2,0.

4.19.Барои хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ дар давраи таҳсил бояд на камтар аз 1,85-ро ташкил диҳад.

4.20.Донишҷӯёне, ки ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и онҳо дар ҷамъбасти соли таҳсил аз ҳадди ақали холҳои умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи мазкур муқаррашуда камтар аст, новобаста аз шакли маблағгузории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пардохти маблағ барои ҳар як кредит фанҳоеро, ки аз онҳо холҳои кофӣ ба даст наовардаанд, такроран омӯхта, имтиҳон месупоранд.

4.21.Фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз курс ба курс гузаронидан, танҳо нисбат ба донишҷӯёне ба имзо расонида мешавад, ки холи умумии миёна (GPA)-и онҳо на камтар аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомнома муқарраршуда бошад.

4.22.Ба донишҷӯёне, ки дар мухлати муқарраршудаи таҳсил дар зинаи бакалавриат на камтар аз 222 кредитҳои барои таълими назариявӣ ва таҷрибаомӯзиҳо пешбинигардидаро бомуваффақият азхуд намудаанд, барои гузаштан аз аттестатсияи хатм (имтиҳонҳои давлатӣ ё дифои рисолаи хатм) иҷозат дода мешавад.

4.23.Барои гирифтани иҷозат ба дифои рисолаи илмӣ дар зинаи магистратура азхуд намудани барномаи таълимӣ дар шакли

таълими назариявӣ дар мухлати муқарраршудаи таҳсил (2 сол) дар ҳаҷми на камтар аз 90 кредит муайян карда мешавад.

### 5.Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои сардори Маркази бақайдгирӣ ва машварат:

5.1. Ташкили кори Марказ;

5.2. Назорат аз болои иҷроиши нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён;

5.3. Тартиб додани ҳисобот оид ба кори Маркази бақайдгирӣ ва машварат (баъди ҷамбасти ҳар семестр);

5.4. Тартиб додани нақшаи кори Маркази бақайдгирӣ ва машварат;

5.5. Дар якҷоягӣ бо садорати факултетҳо ба низом даровардани давомоти донишҷӯён ва назорати мунтазами он;

### 6.Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои сарнозири Маркази бақайдгирӣ ва машварат:

6.1. Ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои донишҷӯёнро аз нозир/методистон қабул намуда баъд аз баррасӣ (оиди барқароршавӣ ё ин ки оиди интиқол бошад, бояд дар якҷоягӣ бо нозир/методисти факултет ва муовини декан оид ба таълим фарқият ва қарзи академии онро муайян кунад) ба шӯъбаи умумии донишгоҳ пешниҳод мекунад;

6.2. Аз ҷониби омӯзгорон саривақт ворид карда шудани балҳоро ба системаи on-line тафтиш ва назорат мекунад;

6.3. Баъди ба итмом расидани имтиҳонҳои ҷамбастӣ номгӯи фанҳои такроран омӯхташавандаро муайян мекунад ва маълумоти муфассал ба садорати факултетҳо ва сардори Марказ пешниҳод менамояд;

6.4. Барои таҳлил охири ҳар ҳафта (рӯзи шанбе то соати $10^{00}$) маълумоти мухтасари қайди давомоти донишҷӯёнро дар намуди ҷадвали тасдиқшуда аз ҷониби нозир/методистон қабул менамояд;

6.5. Барои таҳлил ва чораҷӯӣ қабул намудани маълумот аз нозир/методистон оиди риоя нашудани ҷадвали дарсӣ;

6.6. Қабули феҳрастҳои ҷамбастӣ аз нозир/методистон ва мутобиқи он тайёр намудани маълумоти мухтасар ба сардори Марказ;

6.7. Дар ҳолати яке аз нозир/методист бо сабаби узрнок ба кор ҳозир нашуданаш, назорати қайди давомот ба зимаи нозир/методисти дигари факултети дар ҳамон бино мавҷуда ё нозир/методисти ҳамон факултет вогузор мекунад;

6.8. Корҳои семестрӣ/контролии донишҷӯёнро аз нозир/методистони факултет қабул карда, мутобиқи тартиботи муайянгашта тавассути санад (акт) онҳоро аз эътибор соқит менамояд;

## 7.Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои нозир/методисти Маркази бақайдгирӣ ва машварат:

7.1.Вобаста ба ташкили ҷараёни таълим:

- ✓ Назорати иҷроиши ҷадвали ҷараёни таълим;
- ✓ Назорат аз болои дафтари қайди давомоти донишҷӯён. Тафтиши давомоти донишҷӯён дар дарсҳо ва ворид кардани маълумот ба СИИ дар давоми нимрӯз (натиҷаҳои басти 1-ро то охири ҳамон рӯз, басти 2-ро то саршавии басти 2-и рӯзи ояндаи корӣ);
- ✓ Охири ҳар ҳафта (рӯзи шанбе то соати $10^{\underline{00}}$) маълумоти қайди давомоти худ ва дафтари қайди давомоти донишҷӯёнро муқоиса намуда дар намуди ҷадвали тасдиқшуда ба сарнозир маълумот пешкаш менамояд;
- ✓ Дар ҳолати мувофиқи ҷадвал дар аудиторияи муайяншуда набудани гурӯҳ, бо садорати факултет ин норасоиро ҳаллу фасл намуда, ба сарнозири Марказ маълумот пешниҳод менамояд;
- ✓ Корҳои семестрӣ/контролии донишҷӯёнро аз омӯзгорони факултет тавассути феҳраст қабул карда, ба сарнозир дастрас менамояд;
- ✓ Ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои донишҷӯёнро қабул менамояд, ҳаллу фасл мекунад ва пас аз имзоҳои дахлдорро ҷамъ кардан ба сарнозир пешниҳод менамояд;
- ✓ Маълумотномаҳо ва ҳисоботҳои оморӣ, ки бо ҷараёни таълим ва таълимӣ-методӣ алоқаманданд аст, дар намуди (ҷадвали) тасдиқшуда омода месозад ва ба сарнозир пешкаш менамояд;

- ✓ Рӯйхати тамоми донишҷӯёни донишгох, ки дар давоми моҳ хориҷ ва ё ба (аз) дигар донишгоҳ гузаронида шудаанд (ҳафтаи якуми ҳар моҳ) омода месозад;
- ✓ Дар тахтаи эълонҳо феҳрасти фанҳои интихобиро саривақт нашр мекунад ва барӯйхатгирии донишҷӯёнро оиди интихоби фан ташкил мекунад;
- ✓ Ба садорати факултет дар омода намудани ҷадвали дарсии асосӣ ва фанҳои интихобӣ кӯмак мерасонад;
- ✓ Дар ташкили гурӯҳҳои академӣ барои омӯхтани фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ иштирок мекунад;
- ✓ Ҳисобот оид ба дастовардҳои донишҷӯёни факултете, ки ба он вобаста аст, тартиб ва омода месозад;
- ✓ Баъди ҷамъбасти ҳар марҳила сабабҳои пайдо шудани қарзҳои академии донишҷӯёнро таҳлил намуда (насупоридани кори семестрӣ ва санҷиши марҳилавӣ) дар алоҳидагӣ номгӯи фанҳоро муайян кунад.

7.2.Вобаста ба кор бо донишҷӯён:

- ✓ Назорати саривақт ворид карда шудани баллҳо (аз ҷониби омӯзгорон) ба системаи on-line;
- ✓ Омӯзиш ва ҷамъбасти нишондиҳандаҳои академии сессияҳо, санҷишҳои ҷорӣ, давомоти донишҷӯён ва санҷишҳои марҳилавию имтиҳони ниҳоӣ;
- ✓ Омодасозии ҳисоботи оморӣ оиди миқдор ва тағйироти ҳайати донишҷӯён;
- ✓ Тартиб додани рӯйхати донишҷӯёни қарзҳои академӣ дошта, бо мақсади гузаронидани триместр (баъди ҷамъбасти сессияҳо);
- ✓ Назорати омодасозии нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён (то оғози соли хониш);
- ✓ Баҳисобгирии пешрафти академии донишҷӯён (аз рӯи натиҷаи санҷишҳои ҷорӣ, давомот ва санҷишҳои марҳилавию имтиҳони ниҳоӣ);
- ✓ Тайёр намудан ва натиҷабандии феҳрастҳои сессияҳои ҷамъбастӣ;
- ✓ Амалӣ намудани ҷараёни ҳуҷҷатнигории таълимии Марказ;
- ✓ Ба роҳ мондани омодасозии базаи моддӣ-техникии Марказ;
- ✓ Пешбурди коргузорӣ мувофиқи номгӯи ҳуҷҷатҳои тасдиқгашта, таъмини нигоҳдошти ҳуҷҷатҳо;
- ✓ Омодасозии маълумотномаи донишҷӯ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои раис ва аъзоёни КИД;
- ✓ Нигаҳдошт ва таснифи ҳуҷҷатҳои ҷории бойгонӣ;
- ✓ Ба СИИ ворид намудани тамоми тағйиротҳои мавҷудаи ба донишҷӯён дахлдошта дар давоми як шабонарӯз;
- ✓ Ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори донишҷӯёнро дар муддати на кам аз 3 рӯз баррасӣ намуда, бо лоиҳа ба сарнозир пешниҳод кунад;
- ✓ Дар якҷоягӣ бо сарнозир ва муовини декан оид ба таълим муайян намудани фарқиятҳои таълимӣ (ҳангоми интиқол ё барқарор шудани донишҷӯ).

## 8. Робита бо дигар ҷузҳои донишгоҳ

Маркази бақайдгирӣ ва машварат бо ҳамаи сохторҳои донишгоҳ дар якҷоягӣ фаъолият мебарад, алалхусус бо шӯъбаи таълим, деканат ва кафедраҳо алоқаи зич дорад. Ҳуҷҷатҳои дахлдор дар робита бо мақомотҳои зикршуда тайёр карда шуда, дар ҷараёни таълим истифода мешаванд.

## 9. Истилоҳот

8.1. Дафтарчаи имтиҳонот. *Баҳои ниҳоӣ(ҷамъи баллҳои санҷишҳои ҷорӣ, марҳилавӣ ва ниҳоӣ)-и ҳар як фанни омӯхташуда аз рӯи нақшаи таълимӣ, баллҳои таҷрибаомӯзӣ, баллҳои имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи кор/лоиҳаи дипломии донишҷӯ сабт карда мешавад;*

8.2. Варақаи имтиҳони ҷамъбастӣ. *Семестр, гурӯҳ, номи факултет, номи фан, ному насаби омӯзгор, ному насаби донишҷӯён ва баллҳои гирифтаашон сабт карда шуда дурустии он бо имзои омӯзгор ва сардори маркази тестӣ тасдиқ карда мешавад;*

*8.3.* Транскрипт (маълумотномаи академӣ). *Сабти расмии ҷараёни таҳсил ва дастовардҳои донишҷӯ аст. Маълумот доир ба номгӯи фанҳои омӯхташуда, семестр, курс ва балли бадастовардаи донишҷӯро пурра дар бар мегирад.*

*8.4.* Имтиҳони ниҳоӣ - *ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ҳар як даври академӣ дар баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълими назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ қабул карда мешавад. Имтиҳони ниҳоӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ (компютер) ё ба таври анъанавӣ (шифоҳӣ, қабули корҳои хаттӣ, эҷодӣ) аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати онро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъин менамояд, гузаронида мешавад.*

*8.5.* Апеллятсия - *амалест, ки бо мақсади муайян намудан ва ислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.*

*8.6.* Триместр - *ҳамчун семестри иловагии таълими назариявӣ ва супоридани имтиҳонҳо муайян карда шуда, дар як соли таҳсил ду*

*маротиба (дар давраҳои таътили зимистона - моҳҳои январ-феврал ва тобистона - моҳҳои июн-июл) гузаронида мешавад. Ба триместр донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки дар давраи асосии сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) аз фанҳои таълимӣ қарзҳои академӣ ё хоҳиши баланд бардоштани баҳои худро аз фанҳои алоҳида доранд.*

8.7. Низоми холдиҳӣ-рейтингӣ - *ин низоми марҳила ба марҳила дар рафти машғулиятҳои дарсӣ, иҷрои кори мустақилона (кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ), супоридани санҷишҳои ҷорӣ, имтиҳонҳои фосилавӣ ҷамъ овардани холҳо аз тарафи донишҷӯён ва дар ин асос ба имтиҳони ниҳоӣ иҷозат гирифтани онҳо мебошад. Миқдори умумии холҳо барои иҷозат гирифтан ба имтиҳони ниҳоӣ бояд на камтар аз 25 хол муқаррар карда шавад. Дар асоси холҳои бадастовардаи донишҷӯён ифодаи ададӣ ва ҳуруфии дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ, сатҳи донишандӯзӣ ва натиҷаи фаъолияти таълимии онҳо муайян карда мешавад.*

8.8. Рейтинги академӣ *(Academic Rating) - шакли назорат ва натиҷагириест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ (нимсолаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ) ду маротиба гузаронида мешавад. Рейтинги донишҷӯ аз рӯи фанҳое, ки дар нақшаи таълимии фардии онҳо дарҷ ёфтаанд, дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯ (санҷишҳои ҷорӣ, корҳои семестрӣ ё имтиҳони фосилавӣ) муайян карда мешавад.*

8.9. Имтиҳони фосилавӣ *(Midterm Examination)- шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ ё Маркази тестии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.*

8.10. Холи миёнаи умумӣ *(Grade Point Auerage) - миёнаи арифметикии баркашидаи натиҷаи донишандӯзии таълимгиранда аз рӯи ихтисоси интихобкардааш мебошад, ки ҳамчун нисбати суммаи ҳосили зарби кредитҳо ва ифодаи ададии холҳои умумии аз фанҳои алоҳида бадастоварда ба миқдори умумии кредитҳои дар даври академӣ соҳибгаштаи донишҷӯ ҳисоб карда мешавад.*

8.11. Маълумотномаи академӣ *(Transcript) - шакли муқарраршудаи ҳуҷҷатест, ки номгӯи фанҳои таълимии дар давраи муайяни таҳсил аз тарафи донишҷӯ омӯхташударо бо нишондоди миқдори кредитҳо, баҳо ва холҳои миёнаи бадастовардаи ӯ дарбар мегирад.*

8.12. Маводи фаъоли тақсимшаванда *(Handonts) – маводи аёнии таълимие мебошанд, ки дар ҷараёни дарс ба донишҷӯён бо мақсади инкишофи қобилияти эҷодӣ ва салоҳиятҳои касбии онҳо тақсим карда мешаванд.*

8.13. Номнавис шудан ба фанни таълимӣ *(Enrollment) – маросими интихоби фанҳои таълимӣ бо тартиби муқарраршуда мебошад;*

8.14. Маҷмӯи маводи таълимӣ-методии ихтисос (фан) - *басти ҳуҷҷатҳои таълимию методие мебошад, ки барои бомуваффақият азхуд намудани ихтисоси муайян (ё фан) имконият медиҳад.*

8.15. Маҷмӯи маводи таълимӣ-методии донишҷӯ - *басти хуҷҷатҳо ва маводи ахборотии таълимию методие мебошад, ки нақшаи таълими фарди донишҷӯро барои тамоми давраи таҳсил, барномаҳои кории фан (силлабус)-ҳо, нишондодҳои методӣ оид ба кори мустақилона, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ғайраро дарбар мегирад.*

8.16. Тютор *(Tutor) - омӯзгорест, ки ба донишҷӯён аз фанни муайян машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва машваратҳо мегузаронад, инчунин ба корҳои курсӣ, дипломӣ ва таҷрибаомӯзии онҳо роҳбарӣ мекунад.*

8.17. Эдвайзер *(Advisor) - омӯзгори роҳбаладест, ки ҳамчун маслиҳатчӣ ба донишҷӯёни ихтисоси муайян дар интихоби самт (маҳрук)-и таҳсилот, тартибдиҳии нақшаи фардии таълим ва азхудкунии барномаи таълим дар давраи таҳсил кӯмак мерасонад.*

8.18. Соати академӣ *(Academic hour)- вақти муқарраршудаест, ки омӯзгор бо донишҷӯ дар шакли дарсҳои аудиторӣ ва қабули кори мустақилона мегузаронад. Як соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст.*

8.19. Кредит *(Credit) - воҳиди ифодакунандаи сарфи меҳнати донишҷӯ барои азхудкунии барномаи таълимӣ буда, ба 24 соати академӣ баробар мебошад.*

8.20. Рисола (лоиҳа)-и дипломӣ - *яке аз шаклҳои кори хатми касбӣ ба шумор рафта, ҳамчун кори мустақилонаи эҷодӣ аз ҷониби*

*донишҷӯён, магистрҳо ва докторантон иҷро ва дар соли охири таҳсил барои дифоъ пешниҳод карда мешавад.*